Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
(734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6

ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи **Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** ба шиносномаи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пурра мувофиқат мекунад

Таҳқиқи кори мазкур натиҷаи пажуҳиши мустақилонаи муаллифи он мебошад. Инчунин, муаллиф дар кулли марҳилаҳои таҳқиқ аз ҷамъоварии маводди илмӣ, омӯзиши манбаъҳои назариявӣ бо назардошти таҳлилу таҳқиқи онҳо мустақилона ва бевосита иштирок намуда, корҳои илмии донишмандони ватанӣ ва хориҷиро, ки бевосита ба мавзуъ иртибот доранд, мавриди баррасӣ ва пажуҳиш қарор додааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърӯзаву гузоришҳо, конференсияҳо ва семинарҳои ҳамасола мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиѐти истифодашуда иборат буда, 172 саҳифаи чопии компютериро дар бар мегирад.

Муаллифи рисола тавонистааст ҳар як бобу зербобро бо истифода аз манбаъҳои гуногун ҷамъбаст намояд. Ҷумлаҳои пайрави сабаб, ки барои шарҳ додани ҳолати воқеъ гардидани амали сарҷумла омадаанд, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври фаровон истифода гаштаанд.

Дар автореферати рисола мисолҳо аз асарҳои нависандагони тоҷику англис мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтааст ва монандӣ ва фарқияти онҳо ошкор карда шудааст, ки ин падидаи нав ба ҳисоб меравад.

Чӣ тавре ки аз автореферат бармеояд, бори нахуст вижагиҳои асосии тавсифҳои ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа, сохтор, қолабҳои ҷумласозии онҳо, таснифоти онҳо, хусусиятҳои сохториву маъноӣ, воситаҳои грамматикӣ ва ифодаи тобишҳои гуногуни маъноҳои иловагии ҷумлаҳои

пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикиву англисӣ мавриди баҳси илмӣ қарор гирифта, фарқияту умумияти онҳо дар муқоиса нишон дода шудааст. Нақши вазифаҳои синтаксисии пайвандакҳо, воситаҳои ғайрипайвандакии алоқаи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа бо сарҷумла, вожаҳои ҳамнисбат, интонатсия, сермаъноии ин навъи ҷумлаҳо, тавофути ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа аз дигар навъҳои ҷумлаи пайрав дар забонҳои муқоисашаванда ба риштаи пажуҳиш даромадаанд.

Автореферати диссертатсияи **Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзӯи “Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** мувофиқи Дастурамали ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферат тартиб дода шуда, ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мавзуи таҳқиқот мувофиқ буда, мундариҷаи кори илмии баанҷомрасидаро инъикос менамоянд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим автореферати диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест, ки пешниҳоди онҳо барои рушди минбаъдаи кор манфиат мерасонад:

1. Дар автореферат агар таҳлил дар ҷадвал нишон дода мешуд, кор ранги дигар мегирифт.
2. Дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳои техникӣ ба назар мерасанд.

Хулоса, камбудиву норасоиҳои номбаршуда аҳамияти илмии таҳқиқотро коста намегардонанд, зеро онҳо характери тавсиявӣ доранд.

Аннотатсияи дар охири автореферат ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ оавредашуда кӯтоҳ ба амиқ буда, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пурраги инъикос ва ифода мекунанд.

Автореферати диссертатсияи **Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзӯи “Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** кори анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии

номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи мутолиоти аврупоии
факултети муносибатҳои
байналхалқии ДМТ Наҷмиддинов А.Ф.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, Севастополская 4.ҳ30
тел: 918506382
email: akbar.n@mai.ru

Имзои дотсент А.Ф. Наҷмиддиновро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Э. Тавқиев

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, ДМТ
тел: 918506382
email: akbar.n@mai.ru

«28» августи соли 2025